**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_________________Қурбонзода М.Р.
« ____ » ___01___ 2024 с.

**НУСХА**
**аз протоколи №6**
**ҷаласаи кафедраи биологияи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» , аз 31.01.2024**

Иштирок карданд: мудири кафедраи н.и.п., Назаров Т.Х., н.и.б., дотсент Сафарова С.С., дотсент Рукниддинов Қ., н.и.к., дотсент Сангинов А., Хидирзода М.С., н.и.б., дотсент Давлятова Д.М., саромӯзгор Амиров Қ.Б., омӯзгорон Рустамов Ш.Р., Разоқова Ф.С., Пириева Д.С., Неъматов Б.М., Авлиёзоода О.Ф., Моҳистони Ҳ., Шокирова Ҳ., Ёфтаков Ҳ., ва коргузори кафедра Раҳмонова Н.Т.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи биологияи умумӣ Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum Aestívum* L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Доир ба масъалаи дар боло қайдшуда мудири кафедра, номзади илмҳои педагогика, саромӯзгор Назаров Тоҳирҷон Холмуминович ба маълумоти ҳозирин расонид, ки муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи биологияи умуми Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum Aestívum* L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон», роҳабари илмӣ доктори илмҳои биология, профессор, аъзои вобастаи АМИТ, мудири озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИ

Тоҷикистон Абдуманнон Абдуллоев ва мушовири илмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Қ. Партоев дар ҷаласа пешбинӣ шудааст. Қайд карда шуд, ки унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. аз соли 2016 таҳти роҳбарии А. Абдуллоев ва Қ. Партоев таҳқиқотҳои илмӣ бурда истодааст.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. дода шуд. Баъди баромади Резмонова Қ.Ш. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавоби қаноатбахш гардонид.

Доир ба диссертатсияи номбурда устодони кафедра дотсент Рукниддинов Қ., дотсент Сангинов А., н.и.б., Давлятова Д.М., дотсент Сафарова С.С. ва саромӯзгор Амиров Қ.Б. баромад намуда, нисбати диссертатсия баъзе фикру андешаҳои худро иброз намуда, пешниҳод намуданд, ки диссертатсия ба ҳимоя тавсия карда шавад.

Сипас сухан ба роҳбари илмӣ, мудири озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ Абдуманнон Абдуллоев дода шуд. Мавсуф оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории унвонҷӯ Резмонова Қурбоной Шарифовна суханронӣ намуда иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқоти диссертатсионии Резмонова Қ.Ш. дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum Aestívum* L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон» барои тадбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд. Унвонҷӯ аз соли 2016 то соли 2022 бо намунаҳои гандуми мулоими аз коллексияи ИУР- Федератсияи Россия дастрасшуда корҳои таҳқиқотии интихоби бурда ва бо 15 намунаи гандуми мулоимдона таҳқиқот барои иҷрои диссертатсия гузаронидааст. Ин намунаҳои гандуми мулоимдонаи таҳқиқшаванда дар муқоиса бо навъи гандуми Ормон, ки соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳиябандӣ шуда буд, ҳамчун навъи стандартии тоҷикӣ омӯхта шудаанд. Ҳангоми иҷрои рисола унвонҷӯи дараҷаи илмӣ Резмонова Қ.Ш. давраҳои нашъунамо, сохтор, таркиби биохимиявии тухм, алоқамандии байни сохтори морфологи ва ҳосилнокии намунаҳои мутобиқшударо омӯхтааст. Дар умум қайд намуд, ки рисолаи кори илмии анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ Партоев Қурбоналӣ, мушовири илмӣ баромад намуда қайд намуданд, ки унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. дар иҷрои корҳои илмиаш кӯшишу ғайрати зиёдро ба харҷ дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гаштааст, ки онҳо арзиши калони илмию амалӣ доранд. Дар гузаронидани таҳқиқот унвонҷӯ аз усулҳои биологӣ, агротехникӣ ва иқтисодӣ ва роҳҳои

пешбурди ҳисобот, мушоҳида ва гирифтани натиҷаҳои илмӣ дар раванди гузаронидани таҷрибаҳо дар озмоишгоҳ ва заминҳои таҷрибавӣ истифода намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфта, диссертатсия ва автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти гузарондашударо ифода менамоянд.

Номзади илмҳои биолгия, дотсенти кафедра, Сафарова С.С. дар баромади худ қайд намуд, ки диссертатсияи мазкур бо мақсади омӯзиши хосиятҳои морфологии намунаҳои гандуми мулоими аз коллексияи умумиҷаҳонӣ дастарасшуда, муайян намудани намнаҳои нави маҳсулнокии баланддоштаи гандум дар шароити иқлимии шаҳри Бохтар бо истифода аз нурии маъданӣ (нитроаммофоска) мебошад. Дар диссертатсия бо усулҳои таҳқиқоти маъмули ҳамаи нишонаҳои морфологӣ ва арзишманди ҳоҷагидории намунаҳои гандуми мулоимдона  аз тарафи унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. омӯхта шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки намунаҳои нави мутобиқшудаи гандуми аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия гирифташуда назар ба навъи гандуми назоратии «Ормон» 1,5-2,4 баробар серҳосил мебошанд. Бо назардошти гуфтаҳои боло пешниҳод менамоям, ки диссертатсияи Резмонова Қ.Ш. дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum Aestívum* L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон» ба ҳимоя тавсия карда шавад.

Номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Сангинов А оид ба моҳияти рисолаи илмӣ ибрози назар намуда, қайд карданд, ки таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи баланд бо натиҷаҳои устувори ҳоҷагидорӣ омода карда шудааст. Корҳи иҷрошудаи таҷрибавӣ ва натиҷаҳои гирифта барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ба шиносномаи ихтисоси 06.01.01–Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мутобиқат менамояд ва кори илмӣ анҷомёфта аст ва пешниҳод менамоям рисолаи Резмонова Қ.Ш. дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum Aestívum* L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон» ба ҳимоя тавсия карда шаванд.

Дар охир мудири кафедра номзади илмҳои педагогӣ Назаров Т.Х. баромад намуда, қайд намуданд, ки Резмонова Қурбоной Шарифовна муҳаққиқи ҷавони пурмасъул буда, 21 таълифоти илмӣ дошта, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад, инчунин аз баромади олимони кафедра н.и.к., дотсент Рукнидинов Қ., н.и.б., дотсент Сафарова С.С., н.и.к., дотсент Сангинов А., роҳбари илмӣ профессор А.Абдуллоев, мушовири илмӣ профессор Қ. Партоев ва баромади унвонҷӯ бармеояд, ки диссертатсия дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum Aestívum* L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон» иҷронамудаи

унвонҷӯ дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст ва дар асоси хулосаҳои иброзшуда метавон онро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод намуд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи ҳолатҳои болозикр, **ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи «**Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоимдона (*Tríticum Aestívum* L.) аз захирагоҳи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.01. - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ кори таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоимдона (*Tríticum Aestívum* L.) аз захирагоҳи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.01. – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи биологияи умумии факултети химия ва биология, аз 31.01.2024, таҳти рақами 6, қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: -16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид»- 0 нафар, «бетараф»- 0 нафар.

Мудири кафедраи биологияи умумии
факултети химия ва биологияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав, н.и.п., саромӯзгор Т. Х. Назаров

Котиби ҷаласа: н.и.б.,дотсент: С.С. Сафарова

Имзоҳои Т.Х. Назаров ва
С.С. Сафароваро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Ҷ.А. Шукурзод